# ТАҚРИЗ

ба автореферати **Рузиев Меҳрубон Миралиевич** дар мавзӯи **“Таҳқиқи луғавӣ – маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ”** (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи “варзобӣ”) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ

Дар таърихи лаҳҷашиносии тоҷик дар аввали солҳои 70-уми қарни гузашта самти нави пажуҳиш ба вуҷуд омад. Агар аз як тараф, дар партави асари бунёдии профессор В.С. Расторгуева «Опыт сравнительного изучения таджикских говоров» (1964) ҷамъбасти илмии яке аз гурӯҳҳои лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ – шеваи ҷанубӣ ба накша гирифта шуда бошад, аз тарафи дигар, ҷамъоварӣ ва мураттаб сохтани фарҳанги ин шева оғоз ёфт. Маводи ин ду мавзӯъ имконият фароҳам овард, ки дар тадкиқоти ҷамъбастӣ ба ду бахши системаи лаҳҷа – лексика ва синтаксис, ки то солҳои 60-ум тақрибан ба эътибор гирифта намешуданд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардад. Ин буд, ки тадкиқи лексикаи лаҳҷа дар солҳои 70-ум сурат ва суръати тоза пайдо кард. Дар муддати ду – се даҳсола чандин рисолаи номзадӣ навишта ва дифоъ шуданд, ки муаллифони онҳо тадкиқи на фақат системаи лексикӣ ё фразеологии ин ё он лаҳҷаро ба уҳда гирифтаанд, балки масъалаҳои ҷудогонаи лексикаи лаҳҷаро ҳам мавриди пажуҳишу баррасӣ қарор додаанд. Дар айни ҳол метавон гуфт, ки дар забоншиносии тоҷик барои ҷудо шудани як бахши махсус – лексикологияи минтақавӣ (регионалӣ) заминае ба вуҷуд омадааст. Дар ин бобат тадкиқоти Т. Мақсудов, Ш. Исмоилов, М. Кабиров, М. Қаххоров, М. Ҳалимова, Б. Осимова, Н. Гадоев, З. Замонов ва чанде дигар, ки бархе тасвири хусусиятҳои луғавии лаҳҷаи ин ё он маҳалро пурра ва ё мавзуъҳои ҷудогонаи онро дарбар гирифтаанд, накши муҳим гузошта метавонанд. Вале барои он ки лексикологияи регионалӣ воқеан ҳам ба як соҳаи мустақили забоншиносии тоҷик табдил ёбад, тадқиқи таркиби луғати аксарияти лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ лозим аст. Ба ин маънӣ, ҳар як тадкиқоте, ки дар робита ба лексикаи лаҳҷа ба вуҷуд меояд, холигиҳои мавҷударо такмил медиҳад. Автореферати Рузиев Меҳрубон Миралиевичро, ки дар мавзуи «Таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи “варзобӣ”)» ба муҳокимаи аъзоёни Шуро пешниҳод гардидааст, пеш аз ҳама, аз ҳамин нуқтаи назар арзёбӣ кардан мумкин аст.

Чунон ки маълум аст, дар таърихи лаҳҷашиносии тоҷик, бахусус, дар омӯзиши лаҳҷаи Варзоб саҳми арзандаро таҳқиқи бевоситаи В.С. Расторгуева гузошт, ки ба ақидаи Ғ. Ҷӯраев "ба зинаи нави таҳқиқи лаҳҷаҳои тоҷикӣ ибтидо гузошт".

Сохтори рисола бар таҳдоби қавии илмӣ поягузорӣ гардида, аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар **муқаддима** аз гузориши масъала, зарурати интихоби мавзуъ ва дараҷаи омӯзиши мавзуъ, асосҳои назариву методологӣ, сарчашмаву навгонӣ, аҳамияти илмиву амалии рисола, методҳои тадқиқ, мақсад, вазифа ва сарчашмаҳои тадқиқот, навҷӯиҳои илмӣ ва саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ сухан ба миён оварда шудааст.

**Боби якуми** диссертатсия ба "Таҳқиқи луғавии калимаҳои предметии марбут ба ҳайвоноти хонагӣ" иртибот мегирад, ки аз 12 фасл ва зерфаслҳо иборат аст. Ин ҷо баҳс сари "Матолиби муқаддамотӣ", "Вожагони марбут ба ҳайвоноти хурд", "Вожагони марбут ба ҳайвоноти калон", "Вожагони марбут ба ҳайвоноти боркаш ва саворӣ", "Вожагони марбут ба узвҳои бадани ҳайвонот", "Вожагони ифодакунандаи бемориҳои ҳайвонот", "Вожагони марбут ба нишонагузории ҳайвонот", "Вожагони марбут ба асбобу афзори ҳайвонот", "Вожагони марбут ба истифодаи ҳайвоноти хонагӣ", "Вожаҳое, ки ба коркарди маҳсулоти соҳа вобастаанд", "Вожаҳои ифодакунандаи касбу кори марбут ба ҳайвонот", "Вожагони ифодакунандаи ҷойи нигоҳдории ҳайвонот" тафовути онҳо аз вожаҳои умумихалқӣ сурат гирифтааст.

Дар **боби дуюми** рисола, ки "Таҳқиқи луғавии вожагони ғайрипредметии марбут ба ҳайвоноти хонагӣ" номгузорӣ шуда, аз шаш фасл ва зерфаслҳо иборат аст, муҳаққиқ андешаҳои худро нисбати вожаҳои ифодакунандаи хусусиятҳои зоҳирӣ ва хислату рафтори ҳайвонот, ранг, ҳаҷму андоза, хусусияти ягон узви ҳайвонот, калимаҳои ифодакунандаи дараҷаи харобию фарбеҳии ҳайвонот ва ғайра тасниф намудааст.

**Боби сеюми** рисола "Таҳқиқи забонӣ, маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ" номгузорӣ шуда, се фасл ва зерфаслҳоро дар бар гирифтааст.

Дар **хулоса** натиҷаи илмиву амалии бадастовардаи муаллифи рисола дар чанд банд ҷамъбаст гардидаанд.

Натиҷаи омӯзиши таҳқиқоти илмии Рузиев М.М. нишон дод, ки ӯ қадами нахустини худро дар ин соҳа бо ҷамъоварии маводҳо аз деҳаҳои дуру наздики Варзоб оғоз намудааст ва аз фишурдаи рисола бармеояд, ки унвонҷӯй дар роҳи таҳқиқи луғавӣ – маъноӣ ва сохтории вожаҳои марбут ба ҳайвоноти хонагӣ, дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб заҳмати

бисёр кашидааст. Бо вуҷуди ҳамаи ин комёбиҳо рисола аз баъзе камбудиҳо орӣ нест:

1. Дар боби дуюм, зерфасли 2.2.4. ғалати имлоӣ роҳ ёфтааст, ки он ислоҳ мехоҳад: қайд гардидааст неву **қайд карданист** (саҳифаи 16, сархати 2).
2. Ба назари мо, маводи иқтибосии муосир, ки аз забонҳои русиву аврупоӣ ба лаҳҷаи Варзоб ворид гардидааст, ба таври кофӣ дида намешавад (шояд дар рисолаи таҳқиқотӣ васеъ дода шуда бошад?).
3. Фикр мекунем, агар ба ҷойи "вожагон" калимаи "вожаҳо" истифода мешуд, беҳтар мебуд.
4. Дар саҳифаи 13 ғалати китобатӣ роҳ ёфтааст, ки он ислоҳ мехоҳад: (зерфаслҳои 1.5.1, 1.5.2 аз сархати нав оғоз ёбад).

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ буда, ба арзиши илмии кор халал намерасонад.

Дар маҷмуъ, автореферати рисолаи **Рузиев Меҳрубон Миралиевич** дар мавзӯи **"Таҳқиқи луғавӣ – маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ"** (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи "варзобӣ")" тадқиқоти анҷомёфтаву мукаммал буда, он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Номзади илми филология, дотсенти
кафедраи забонҳои Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон **Сангинова Р.И.**

Имзои Р.И. Сангиноваро
тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ **Ҷӯраев Ш.Н.**

**Суроға: 734055 ш. Душанбе,
хиёбони Борбад 48/5
Тел.: +992550 05 59 22**

**"_05_»_06_2023**